*Нуктаи назари чараёни, системави, холати.*
*Усулҳои микдори*

Дар нимаи дуюми асри XX дар назарияи менечмент се нуқтаи назар ташаккул ёфтанд: чараёни (аз охири солҳои 50-ум), системави (аз нимаи солҳои 70-ум) ва ҳолати солҳои 80-ум).

Аз нуќтаи назари **чараёни**, дар ташкилот, идоракуни чун раванди ягонаю доимии ҳамкори ҳисобида мешавад. МенеЧер бояд дар ҳамбастагии зич, функсияҳои накшагири, ташкил, мотиватсия ва назоратро амали гардонад. Ба Чараёни доимии менеЧмент, инчунин идораи кормандон, баҳодиҳи ба муҳити дохиливу берунии корхона дохил мешаванд.



Дар замони муосир назарияи **системавиро** метавон методологияи универсалии менечмент ҳисобид, зеро он, ҳамаи раванд ва зуҳуроти муҳити дохиливу беруниро дар ягонаги ва ҳамоҳанги таҳлил мекунад.
Ин усул дар назария ва тачрибаи муосири менечмент васеъ паҳн шудааст. Масалан, дар хорича барои баҳодиҳи ба кори менечер ўро баъзан ногаҳон ба сафари хидматии дарозмуддат мефиристанд. Агар ҳангоми набудани ў ташкилот хуб фаъолият намояд, пас баҳои кори менечер мусбат аст. Дар ҳолати коста гардидани фаъолият, менечер баҳои манфи мегирад, зеро маълум мегардад, ки ў ба системаи ягона таъсир расонида натавонистааст.



Нуқтаи назари **ҳолати** дар Мактаби тичорати (бизнеси) - и Гарвард тарҳрези шудааст ва ба менечерон ҳалли фаврии масъалаҳоро дар ҳолатҳои мушаххас пешниҳод мекунад. Маънои ин нуқтаи назар дар он аст, ки ягон механизми универсали дар амал вучуд надорад ва ҳар як ҳолати мушаххас андешаи ба худ хос ва мувофиқро талаб мекунад.

Аз рӯи ин назария, ба менечерҳо лозим меояд, ки дар ҳар як ҳолати алоҳидаи истеҳсолот тарзи ҳалли ин ё он масъалаи пешомадаро бо роҳи омӯзишҳои дақиқ муайян кунанд.



Дар даҳсолаҳои охири асри XX, дар асоси дастовардҳои илмҳои риёзиёт, информатика, омор ва дигар илмҳои мушаххаси соҳаи иктисодиёт, консепсияи *усулҳои миқдори*ба миён омад, ки барои инкишофи илми идоракунинақши бузург бозид. Усулҳои микдори ба расмият даровардани чараёнҳои идоракуни, таҳия намудан ва бо ёрии техникаи муосири ҳисоббарор ҳал намудани моделҳои иқтисодию риёзии объектҳои тадқиқшавандаро дар назар доранд.
Афзалияти усулҳои микдори дар чист? Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки усулҳои миќдори ба якчанд гурўҳ чудо мешаванд: тахлили; барномасозии амалиёти (хаттї, ва ѓайра); эҳтимоли тарзу усули таҳлили системави ва мачмўи.



Вокеан, истифодаи роҳу усулҳои микдори, дарк намудани мазмуни чараёнҳои мураккаби  идоракуниро осон мегардонад. Татбиқи амалии ин усулҳо маҳдудияти муайянеро дошта бошад  ҳам, онҳоро бештар дар соҳаи идоракунии захираҳои моли, таҳвили молҳо бо назардошти ҳар гуна намудҳои наклиёт, харочоти истеҳсолои молияи корхона ва гайра истифода бурдан мумкин аст.
Усулҳои миќдори барои ҳалли масъалаҳои муҳими макроиқтисоди низ татбикшавандаанд. Масалан, усули тавозуни байнисоҳави бо номи «тавлид-харочот», ки аз тарафи иқтисодчии машҳури амрикой, барандаи чоизаи Нобели, профессор Василий Леонтев пешниҳод гашта буд, дар бисер мамлакатҳое, ки ҳоло бо роҳи иқтисоди бозори босуръат пеш меравaнд, масалан дар ИМА, Фаронса, Чопон татбиқи амалии худро ёфтааст.



Яке аз назарияҳои муосири идоракуни ин идоракунии барномавию маќсад  мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои калони проблемави нақши муҳим мебозад. Дар собиқ давлати Шўрави барномаҳое, ки бо масъалаҳои умумибашарии иқтисодиёт алоқаманд буданд (масалан, барномаҳои бо қувваи барқ таъмин намудани мамлакат, омўзиши коинот, масоили ҳифзи муҳити зист, ба кор андохтани заминҳои бекорхобида ва гайра) тавассути истифодаи ин усул ҳалли худро то як андоза ёфта буданд. Хулласи калом, солҳои охир дар назарияву тачрибаи менечменти мамолики хоричи ва кишвари Точикистон низ як қатор дигаргуниҳои назаррас ба миён омадаанд, ки роҳбарону менечерон бояд онҳоро бодиққат омўзанд ва бо назардошти ҳама марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозори ва ҳам анъанаҳои миллии худ  дар фаъолияти хочагии корхонаю ташкилот моҳирона ва бо чашми кордонию нававари дар амали хочагидори татбиқ намоянд.

